# ТАҚРИЗ

**ба автореферати номзадии Сатторов Амирҳамза Баҳодурович дар мавзӯи “Таъсирпазирӣ аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти Ҳоҷӯи Кирмонӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯи ихтисоси 10.01.01-Адабиёти тоҷик.**

Проблемаи ҳамбастагии тафаккури динӣ ва бадеӣ яке аз масъалаҳои асосии илми адабиётшиносии муосир мебошад. Сарчашмаи асосӣ барои ҳалли ин мавзӯъ адабиёти форсии тоҷикии классикӣ мебошад ва бунёди назариявии онро низ удабои касбии асримиёнаигӣ гузошта будаанд.

Бешубҳа, меъёрҳои динӣ-ахлоқӣ таъсири фавқулодаи бузург ба ташаккулу таҳаввули адабиёти форсии тоҷикӣ расонда буданд ва ҳамчунин нақши на камтар аз ин таъсир дар самти мутақобил, эҷодиёти бадеӣ ба шаклгирии арзишҳои динӣ дошт, ки он таъсири оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар шеъри форсӣ – тоҷикӣ мебошад.

Яке аз суханварони бузург, ки дар осори бадеии худ барои баёни андешаҳои ҳаётиву иҷтимоӣ, динию мазҳабӣ ва алалхусус ирфонияш, аз таркибу ибора, калима ва образҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ истифода намудааст, Камолуддин Маҳмуд ибни Алии Кирмонӣ машҳур ба «Ҳоҷуи Кирмонӣ» мебошад, ки дар сурудани ғазал таъсири худро ба шоирони баъдӣ расонидааст.

Тадқиқоти Сатторов Амирҳамза Баҳодурович дар мавзӯи “Таъсирпазирӣ аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти Ҳоҷӯи Кирмонӣ” баррасӣ гардидааст. Аз тадқиқоти аспирант мушаххас гардид, ки бори нахуст ҷойгоҳи оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти Ҳоҷуи Кирмонӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, ҳалли ҳамаҷонибаи мавзӯъ имкон фароҳам овардааст, ки ашъори шоир ба дурустӣ шинохта шуда, мақоми ӯ дар адабиёти форсии тоҷикӣ муайян намудааст. Дар баробари ин, дараҷаи истифодаи истилоҳоти қуръонию ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти шоир ва тафовути тарзи нигориши ӯ нисбат ба дигар шоирони форсии тоҷик мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Аз тадқиқоти муаҳаққиқ бар меояд, ки Қуръон ва ҳадисҳои паёмбар на танҳо ба муҳтавои ашъори Ҳоҷу, балки бо сохтору созмони дохилии

ғазалиёти ин шоири баландовоза таъсир расонидааст, ки шоир барои баёни мақсадҳои гуногун, бахусус, андешаҳои ирфонию ақоиди мазҳабӣ аз ин ду сарчашмаи асосии маърифати исломӣ суд ҷустааст.

Аз ин рӯ, диссертатсияи Сатторов Амирҳамза Баҳодурович таҳти унвони «Таъсирпазирӣ аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ» актуалӣ ва аз ҷумлаи мавзӯъҳои муҳим дар шинохту муаррифии Хоҷуи Кирмонӣ ва таъсири Қуръону ҳадисҳои набавӣ дар ашъори шоирони классики форсӣ-тоҷикӣ, бахусус, Хоҷуи Кирмонӣ маҳсуб мешавад.

Дар баробари дастовардҳо, дар назари мо, фишурдаи рисолаи Сатторов Амирҳамза баъзе камбудҳо дорад, ки ислоҳи онҳо арзиши илмии фишурдаро баланд мебардорад:

1. Дар фишурдаи диссертатсия баъзе аз ҷумлаҳо бемаврид бо абзаст оғоз гардидааст, бояд ислоҳ карда шавад.
2. Матни тарҷумаи фишурдаи диссертатсия ба забони русӣ бори дигар ба матни тоҷикии он муқоиса карда шуда, моҳияти таркибу ибораҳои динни шарҳ дода мешуд.

Новобаста ба ин камбудҳо, ки ислоҳшавандаанд, фишурдаи диссертатсияи Сатторов Амирҳамза Баҳодурович таҳти унвони **«Таъсирпазирӣ аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ»** таҳқиқоти анҷомёфта ба шумор рафта, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба авторефератҳои рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аст.

**Номзади илми филология,**
**декани факултети улуми исломии ДИТ**
**ба номи Имоми Аъзам Абӯҳанифа** **Мирзозода М.Д.**

**Имзои декани факултети улуми исломии ДИТ**
**ба номи Имоми Аъзам Абӯҳанифа Мирзозода М.Д.-ро тасдиқ мекунам:**

**сардори шуъбаи кадрҳо**
**ва таъминоти ҳуқуқии ДИТ** **Ҷомадов Х.А.**

*27.02.2021*